# ХУЛОСАИ

**комисссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода оид ба диссертатсияи Шоназаров Зарбахтҷон Музаффарович дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии вожаҳои бемуодил дар забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ ва тарҷума (бар мабнои романи Густав Флобер «Madame Bovary» - «Хонум Боварӣ»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ - таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) –Душанбе, 2023.**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илми филология, профессор Каримов Ш. Б. (раис), номзади илми филология, дотсент Джамирова Л.И. номзади илми филология, дотсент Насруллоев М.Н. (аъзо) оид ба диссертатсияи пешниҳодшуда ба чунин хулоса омаданд:

Диссертант Шоназаров Зарбахтҷон Музаффарович дар мавзуи **барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ - таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)** вожаҳои бемуодили забонро дар доираи илми забоншиносии муқоисавӣ, дар маводди забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ бо ҷалби маводди забони англисӣ ба таври фарогир мавриди пажуҳиш қарор дода, муаллиф дар ин самт то ба андозае бомуваффақият ва натиҷаҳои чашмдошт ноил шудааст.

Таҳқиқи муқоисавии вожаҳои бемуодил дар забоншиносии ин ду забон арзиши баланди илмӣ дошта, дар натиҷаи муқоиса хусусиятҳои монандӣ ва гуногунии сохторӣ, маъноӣ онҳо ошкор мегардад.

Дар умум таҳқиқоти вожаҳои бемуодили забон вазифаи нав нест, вале вобаста ба вазъи имрӯза ва сатҳи мусоиди робитаҳои забонҳои тоҷикӣ, фаронсавӣ ва англисӣ, бешубҳа, таҳқиқу баррасии онҳо аз нигоҳи тоза ва талаботи рӯз мубрам ва саривақтӣ маҳсуб меёбад. Бо пайдоиши имкониятҳои воқеӣ барои ҳамкории мустақими иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва маърифатии Тоҷикистон ба давлатҳои хориҷа ва бо амалӣ гардидани фаъолияти бисёр муассисаҳои байналмилалии сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ дар ҷумҳурӣ ин масъала махсусан мубрам мегардад.

Мавзуи таҳқиқ бо барномаҳои самтҳои филологӣ, бахусус бо «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30-юми августи соли 2019, №438 тасдиқ шудааст, алоқаи ногусастанӣ дорад.

Диссертатсияи илмии мавриди назар ба омӯзиш ва таҳлили муқоисавии вожаҳои бемуодил дар забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст, ки иқдоми аввалин дар забоншиносии муқоисавии тоҷик мебошад. Новобаста ба шумораи зиёди пажуҳишҳои ба мавзуи мавриди баҳс бахшидашуда, вежагиҳои тарҷумаи воҳидҳои лексикӣ, фразеологӣ ва грамматикии бемуодил дар мисоли матни асари бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ то ҳол ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст.

Мақсади таҳқиқ таҳлили муқоисавии вожаҳои бемуодили забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ ва тарҷума бар мабнои асари бадеӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, дар раванди таҳқиқ таснифи вожаҳои бемуодил дар забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ мавриди корбурди махсус қарор дода шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он аст, ки дар диссертатсия масъалаҳои таҳлили муқоисавӣ  ва тарҷумаи вожаҳои бемуодил аз забони фаронсавӣ ба забони тоҷикӣ  бо ҷалби маводди англисӣ дар мисоли асари бадеӣ дар дараҷаи докторантура бори аввал мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Кори таҳқиқотии мазкур дар раванди ғанигардонии маълумоти назариявӣ оид ба тарҷумаи вожаҳои бемуодил ва омӯзиши забонҳо саҳми арзанда хоҳад гузошт. Бори нахуст моҳияти вежагиҳои тарҷумаи вожаҳои бемуодил дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ муайян карда шуда, таснифоти илмии онҳо дастабандӣ шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат буда, дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия», ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми марти соли 2022, №3 тасдиқ гардида, таълиф шудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия муаллиф муҳиммияти интихоби мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии

довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ кардааст.

Боби якуми диссертатсия **“Асосҳои назариявии таҳқиқоти вожаҳои бемуодил дар забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ”,** номгузорӣ шуда, он аз се зербоб иборат мебошад. Дар он заминаҳои назариявии таҳқиқотӣ забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ, ки ба таҳлили вожаҳои бемуодил бахшида шудаанду аз ҷониби забоншиносони ватанию хориҷӣ анҷом ёфтаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби дуюми диссертатсия “**Таҳлили муқосавии вожаҳои бемуодил дар фазои забон ва фарҳанги фаронсавӣ ва тоҷикӣ”** унвон гирифта, аз панҷ зербоб иборат мебошад. Дар боби мазкур вожаҳои бемуодили забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ дар фазои забон ва фарҳанги ду соҳибзабон мавриди муқоиса ва таҳлил қарор гирифтааст.

Боби сеюми диссертатсия “**Ҳусни тарҷумаи вожаҳои бемуодил аз забони фаронсавӣ ба забони тоҷикӣ дар мисоли романи Густав Флобер “Madame Bovary” - Хонум Боварӣ “бо ҷалби маводди забони англисӣ”** номгузорӣ шудааст. Дар боби мавриди назар таҳлили роҳу воситаҳои тарҷумаи вожаҳои бемуодил бар мабнои асосҳои назариявӣ, аз ҷумла транскрипсия, транслитератсия ва тарҷумаи тасвирӣ ҳамчун воситаи асосии тарҷумаи вожаҳои бемуодил анҷом дода шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ мушахассан ифода карда шуда, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ - таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат мекунад.

Муҳтавои диссертатсия дар 8 мақолаи илмӣ дарҷ гардидааст, 4-тои онҳо дар маҷалла (нашрия)-ҳои тақризшаванда ва 4 мақолаи дигар дар маводи конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба табъ расидааст, ки дар маҷмуъ натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳои муҳаққикро инъикос менамоянд.

Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамояд.

Аҳамияти таҳқиқот, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Шоназаров З.М. дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии вожаҳои бемуодил дар забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ ва тарҷума (бар мабнои романи Густав Флобер «Madame Bovary» - «Хонум Боварӣ»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ - таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) бевосита ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Шоназаров З.М. дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии вожаҳои бемуодил дар забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ ва тарҷума (бар мабнои романи Густав Флобер «Madame Bovary» - «Хонум Боварӣ»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ 6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ - таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя пешниҳод карда шавад;

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ - таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқ мебошанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Парвонахон Ҷамшедов** - доктори илми филология, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- **Ҷумаев Тӯйчибой Боқиевич**, номзади илми филология, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** пешниҳод карда мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба

номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
доктори илми филология,
узви Шурои диссертатсионӣ Каримов Шуҳрат Бозорович

**Аъзоёни комиссияи ташхис:**

Номзади илми филология, дотсент,
узви Шурои диссертатсионӣ Джамирова Леммара Иосифовна

Номзади илми филология, дотсент,
узви Шурои диссертатсионӣ Насруллоев Муҳаммад Нуруллоевич

«16» октябри соли 2023

Имзоҳои Ш.Б. Каримов, Л.И. Джамирова ва М.Н. Насруллоевро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

**Нишонӣ:** 734019, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Тел.: +992 372325000; Факс: +992 372325003;
Сомона: www.ddzt.tj, E-mail : ddzt@ddzt.tj